**ХУЛОСАИ**

**комисссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллӣ Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадии дар ҳимояи диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

1. Дар шароити муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст, сатҳу шаклҳои ҷинояткорӣ низ тағйир ёфта, хусусияти фаромиллӣ ва муташаккилона касб менамоянд. Аз ҷумла, ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, ки дар асоси санадҳои байналмилалӣ (конвенсияҳо) эътироф гардидаанд, имрӯз ба яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ ба амнияти миллӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Ба ин гурӯҳ, пеш аз ҳама, ҷиноятҳои вобаста ба терроризм, хариду фурӯши одамон, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, коррупсия, шустушӯи маблағҳо ва дигар кирдорҳои ҷиноятии фаромиллӣ дохил мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ ва иштирокчии як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла санадҳои Созмони Милали Муттаҳид, уҳдадор аст меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ба низоми қонунгузории миллӣ ворид намуда, татбиқи самараноки онҳоро таъмин намояд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, муайян намудани табиати ҳуқуқии онҳо, таҳлили таркиби ҷиноят, мушкилоти квалификатсия ва таъини ҷазо, инчунин масъалаҳои пешгирии онҳо аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мубрамияти мавзӯъ, пеш аз ҳама, бо зарурати такмили қонунгузории ҷиноятии миллӣ дар заминаи мутобиқгардонӣ ба стандартҳои байналмилалӣ асоснок мегардад. Дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳангоми квалификатсия ва баррасии парвандаҳои вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ як қатор мушкилот ба миён меоянд, ки онҳо аз номукаммалии баъзе меъёрҳо, ихтилофи тафсирҳо ва норасоии асосҳои назариявӣ бармеоянд. Аз ин рӯ, таҳияи пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он талаботи замон мебошад.

Ҳамин тариқ, мубрамияти таҳқиқоти Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод гардидааст, бо зарурати илмӣ ва амалии ҳалли масъалаҳои мубрами мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ ва мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ асоснок ва саривақтӣ мебошад. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар Шурои диссертстсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он муайян мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология мусоидат намуда, заминаи назариявиро барои таҳияи сиёсати самараноки ҷиноятӣ дар самти муқовимат ба ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ фароҳам меорад.

Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва муқоисаи он бо қонунгузории миллӣ имконият медиҳад, ки роҳҳои оптималии пешгирӣ ва мубориза бо ин намуди ҷиноятҳо муайян карда шаванд.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестаисонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Ҳомидзода Ҷ.У., истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати мукаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқики мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиљањои тањќиќот бо тањлилњо, озмоишњо, дурустии маълумотњо, њаљми кофии маводи диссертатсия ва маќолањо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияњо ба тањлили илмии натиљањои тањќиќотњои назариявї ва амалї асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар асоси банди 60-

и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
- **Одиназода Носир Садир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, омӯзгори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе).

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — **Шарипов Т.Ш.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — **Азиззода У.А.**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муовини декани факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ — **Ҷалолов Х.Ғ.**

Имзоҳои Шарипов Т.Ш., Азиззода У.А., ва Ҷалолов Х.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

«07» 03 2026 с.